**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 8 январи соли 2025, № 1**

Бораи сазовор донистани Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ)

Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) 31-уми октябри соли 2025, протоколи №26-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло 8-уми августи соли 1990 дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Ӯ соли 2008 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и деҳаи Гулистони ноҳияи Қубодиён ва соли 2012 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Солҳои 2012-2014 магистранти шуъбаи магисратура ва солҳои 2015-2018 докторанти фалсафа (PhD)-и Донишгоҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ буд. Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло аз соли 2024 то инҷониб муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ Пирумшоев Ҳайдаршо.

**Муқarrizoni расмӣ:** Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Маҳмадзода Убайдулло Давлат - номзади илмҳои таърих, декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холмуродзода Меҳрафрӯз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ ҷамъбаст карда шуда, аз ҷиҳати мазмуни илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) сазовор аст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 11 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 6 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА низди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Вазъи ҳунармандӣ дар бекигарии Қубодиён. [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №3/8. – С. 89–93. – ISSN2074 – 1847.

[2-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Дигаргунсозиҳо дар солҳои 20-уми асри XX дар ноҳияи Қубодиён. [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3/3. – С. 81 – 84. – ISSN 2074 – 1847.

[3-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Ислоҳоти замин ва коллективонии хоҷагии қишлоқ дар ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30-40-уми асри XX). [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3/7. – С. 49 – 51. – ISSN2074 – 1847.

[4-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Рушди чорводорӣ дар ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30-60-уми асри XX). [Матн] / **С.Х.Зубайдуллоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – №2. – С. 93 – 98. – ISSN 2074 – 1847.

[5-М]. Зубайдуллоев С.Х. Рушди маорифи ноҳияи Қубодиён (дар солҳои 30-40-уми асри XX). [Матн] / Зубайдуллоев С.Х. //Дар маҷаллаи илмӣ - назариявии «Муаррих» -и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019., №3 (19) - С. 47- 54. ISSN2789294 – 8.

[6-М]. **Пирумшоев Ҳ., Зубайдуллоев С.Х.** Рушди маорифи ноҳияи Қубодиён дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ [Матн] / **Ҳ. Пирумшоев, С.Х. Зубайдуллоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 73 – 80. ISSN2074 – 1847.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[7-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Нигоҳе ба ҳаёти Мирзо Ҳайити Саҳбо – адиби қубодиёнӣ [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Муҳаққиқ. Маҷаллаи илмӣ - омӯзишии муҳаққиқи ҷавони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ тахти №16, Душанбе, 2017. - С. 74-77.

[8-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён ва мубориза бар зидди ҳаракати босмачигарӣ [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан». Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2019. – С.119–129.

[9-М]. **Зубайдуллоев С.Х**. Инъикоси раванди барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва рафти мубориза бар зидди босмачигарӣ дар Қубодиён дар таҳқиқоти Мулло Эркаев [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ». (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 28-уми ноябри соли 2020). Душанбе, 2021.– С.94-107.

[10-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Дастовардҳои кишоварзии ноҳияи Қубодиён дар 30-соли истиқлол (1991-2021) [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ 4 сентябри соли 2021). Душанбе, 2021.– С.335–352.

[11-М]. **Зубайдуллоев С.Х.** Вазъи саноати ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / **С.Х. Зубайдуллоев** // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (ДДХ ба номи М. Назаршоев, 13-14-уми июни соли 2023). Хоруғ, 2023 – С.121-126.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Мирзоев М.Н. – номзади илмҳои таърих, дотсент мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. **Абдураҳмонзода З.В** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».
3. **Абдулҳамид Ф.** – номзади илмҳои таърих сардори шуъбаи таърихи нав ва навтаринии Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. **Шарафзода Э.У.** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

Дар умум, тақризҳо мусбат буда, дар онҳо таъкид мешавад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи таъйинкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни ҳодисаҳои таърихии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: масъалаҳои таърихии ноҳияи Қубодиён дар асри XX-ибтидои асри XXI **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** дар асоси сарчашмаҳо, асарҳо ва мақолаҳои илмӣ таърихи Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI, ки аз нигоҳи даврабандии таърихӣ се давраро, яъне дар таркиби Бухорои Шарқӣ, Тоҷикистони Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол дар бар мегирад, баррасӣ карда шуд.

- ***пешниҳод шудааст:*** муқоисаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолии Қубодиён дар се давраи таърихӣ: пешазинқилобӣ, шуравӣ ва замони истиқлол;

-***исбот шудааст:*** таърихи бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX, сохтори маъмурии он, вазъи иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ ва иқтисоду иҷтимоиёти бекигарӣ, масъалаҳои вазъи ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми фарҳанг, инчунин, барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳия, ташкилёбии сохтори Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои солҳои 20-ум дар ноҳия, рушди иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 30-40-ум, рафти сохтмони колхозӣ дар ноҳия, саноату нақлиёт ва рушди фарҳанг дар замони шуравӣ ва истиқлолият. Ҳамзамон, дар рафти таҳқиқот ба исбот расид, ки Қубодиён дар муддати кӯтоҳи таърихӣ се давра, се тамаддунро аз сар гузаронида, дар таркиби Бухорои Шарқӣ аз минтақаи ниҳоят

қафомонда, дар замони шуравӣ ва даврони истиқлолият ба диёри ободтарини ҷумҳурӣ ва яке аз ноҳияҳои пешрафта табдил ёфтааст;

- *ҷорӣ намудани* натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик», курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи наву навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал таърихи Қубодиён дар асри ХХ-ибтидои асри XXI мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Баъзе маводҳои рисола аз тарафи донишҷӯёну магистрон ва дигар муҳаққиқони соҳаи таърих метавонанд истифода шаванд. Таҷрибаи асосии пажуҳишро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни макотиби олӣ истифода намуд. Таҷрибаи таърихии ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми Қубодиён дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ метавонанд дар шароити муосир ҳангоми таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, инчунин дар тарбияи-ватандӯстии наслҳои наврас ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд;

- *баён шудани* ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолии Қубодиён дар давраҳои пешазинқилобӣ, шуравӣ ва замони истиқлол

- *ошкор гардидани* сохтори маъмурии бекигарии Қубодиён, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии бекигарӣ, вазъи кишоварзии ноҳия дар замони Шуравӣ, мақоми чорводорӣ дар беҳтар намудани вазъияти иқтисодии ноҳия, вазъи ҳунармандӣ ва касбу кор, низоми андоз ва рушди фарҳанг дар солҳои шуравӣ ва истиқолият;

-*омӯхта шудани* бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри ХХ, ҷуғрофиёи бекигарии Қубодиён, ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри ХХ, ташкилёбии сохтори идории Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ; рушди соҳаҳои агросаноатии ноҳияи Қубодиён, ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолӣ, муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар ибтидои асри ХХ рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ноҳия дар солҳои 50-80-ум

-*аз нав такмил додани* таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Қубодиён аз давраи то инқилобӣ то давраи истиқлолият.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

*-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардиданд;

- *муайян карда шуд,* ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар асри ХХ-ибтидои асри XXI, раванди

таълим ва омӯзиши фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи наву навтарин ба таври васеъ истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои алоҳида истифода шавад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои муайян намудани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷик метавонанд мавриди истифода қарор гиранд;

- ***офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ таърихи Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Қубодиён асри XX - ибтидои асри XXI;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

-***ғояи*** таҳқиқот дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ, асарҳои муҳаққиқон ва сайёҳони рус, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, асарҳои бунёдӣ, асару мақолаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ - оммавӣ, асарҳои ёдоштӣ, инчунин дигар асноди расмии давлатӣ ***асоснок шудааст;***

-***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маълумоти оморӣ, асарҳои таърихии бунёдӣ, монографиҳо, мақолаҳои илмӣ ва маводи матбуоти даврӣ, инчунин асарҳои ёддоштӣ;

-***муайян шудаанд:*** сохтори маъмурӣ, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, тарзи андозсупориву андозситонӣ дар Қубодиён дар давраи то инқилобӣ, ичунин ташкилёбии сохти шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён, коллективикунонии хоҷагии кишоварзии ноҳия ва рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ, таҳлили оморӣ, услуби назарияи таърихшиносӣ, солномавӣ-масъалагузорӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқарраротӣ назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Дар маҷлиси 8 январи соли 2025 (аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дараҷаи илмии доктори фалсафа

(PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ 5 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор -14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор -1.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

8 январи соли 2025